## Хулосаи

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи “Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷикӣ (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ.**

Диссертатсияи М.Маҳмудов “Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷикӣ (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)” унвон дошта, ба баррасии тамоилҳои асосии инкишофи яке аз жанрҳои фаъоли насри муосир ихтисос дорад. Воқеан, ҳикоя ҳам дар марҳилаҳои қаблии рушди наср дар адабиёти муосир ва ҳам дар давраи истиқлол аз ҷумлаи анвои фаъоли адабӣ маҳсуб мешавад. Бидуни омӯзиши ҳаматарафаи инкишофи ҳикоя наметавон ба таври равшан ва илмӣ тамоилҳои имрӯзаи насрро муайян кард. Ин нукта муҳиммият ва мубрамияти мавзуи рисолаи номзадии М.Маҳмудовро таъйид менамояд.

Дар муқаддимаи диссертатсия дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навгонии илмӣ ва арзиши назарию амалии таҳқиқи он ба таври мушаххас таъкид мешавад. Диссертант муҳиммияти таҳқиқи мавзуъро ишора карда, собиқаи омӯзиши онро ба пуррагӣ нишон медиҳад ва баъдан, вазифаҳои пажуҳишии худро мушаххас менамояд. Таъкид мешавад, ки ҳикоя ҳамчун жанри мустақил ва зиёдкорбурди наср дар адабиёти тоҷик таърихи қадима дорад. Махсусан, дар садаи XX бо зуҳури ҳикояи реалистӣ барои инкишофи тамоилҳои тоза дар наср роҳи васеъ кушода шуд. Диссертант хидматҳои насрнависони маъруф Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил, Ҳ.Карим, П.Толис, Ф.Муҳаммадиев ва дигаронро дар инкишофи ҳикояи реалистии тоҷик махсус таъкид мекунад. Воқеан, адибони номбурда поягузорони мактаби ҳикоянависии тоҷикӣ мебошанд ва ҷустуҷӯҳои эҷодиашон дар ин навъи наср то имрӯз дар адабиёт нақши худро дорад.

Диссертант ба таври куллӣ мавзуъро дар се боб, вобаста ба масъалаҳои асосии инкишофи ҳикоя, тасвири мавзуъ ва масоили иҷтимоӣ дар он баррасӣ менамояд. Зимни таҳлили ҳикояҳои С.Турсун, Сорбон, Кӯҳзод, А.Самад, Баҳманёр, С.Раҳим ва дигарон масъалаи тасвири тазодҳои иҷтимоию ахлоқии замони муосир дар ин навъи наср таҳқиқ мешавад.

Диссертант дар ҷараёни таҳлили ҳикояи давраи истиқлол бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқиро вобаста ба ҷустуҷӯҳои шаклию сабкӣ ва

жанрию бадеии ин навъи наср баррасӣ менамояд, ки он комилан мантиқӣ ва дуруст аст.

Дар маҷмуъ, муҳтавои диссертатсияи М.Маҳмудов, хулосаҳо ва натиҷагириҳои илмию пажуҳишии ӯ афкори адабиётшиносии муосири тоҷикиро ғановат мебахшад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант на танҳо барои шинохти илмии равандҳои инкишофи ҳикоя дар адабиёти давраи истиқлол, балки умуман дар таҳқиқи тамоилҳои насри муосир муфид мебошад. Тавсияҳои илмии муаллифро метавон дар корҳои таҳқиқотии оянда, ки ба омӯзиши насри имрӯз рабт дорад, босамар истифода кард.

Аҳаммияти амалии муҳтавои диссертатсияи М.Маҳмудов боз дар он зоҳир мегардад, ки дар оянда ҳангоми таҳияи таърихи адабиёти муосири тоҷик, таърихи ташаккули насри давраи истиқлол, таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимӣ, навиштани рисолаҳои номзадию магистрӣ ва докторӣ таҳияву тадриси курсҳои махсус метавон аз натоиҷи илмии он истифода намуд. Ҳамчунин, аз дастовардҳои илмии диссертант метавон ҳангоми нақду баррасии насри муосири тоҷик, таҳқиқи масоили муҳимми он баҳра гирифт. Диссертатсия дар маҷмуъ, ба талаботи бандҳои 31-33-и тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия кори илмии анҷомёфта буда, дорои мазмун ва сохтори комили илмию таҳқиқотист. Хулоса ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ нишон медиҳад.

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натоиҷи асосӣ, бардоштҳою натиҷагириҳо ва тавсияҳои илмии диссертант дар 8 мақолаи ӯ, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия робитаи бевосита доранд. Мақолоти интишорёфтаи диссертант ва теъдоди маводи чопии ӯ ба талаботи бандҳои 34-35-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамояд.

Дар диссертатсияи М.Маҳмудов истифодаи мавод, бидуни ишора ва муаллиф ва маъхаз ба назар намерасад. Дар ин маврид, диссертант талаботи банди 37-и тартиб додани дараҷаҳои илмиро пурра риоя менамояд. Баррасию муҳокимаронӣ ва натиҷагирию хулосабарориҳои диссертант дар сатҳи илмӣ буда, он ба талабот оид ба барасмиятдарории

диссертатсия ва автореферат, ки КОА муқаррар кардааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар бахши хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварии он зикр ёфта, дурнамои омӯзиши масоили мавриди пажуҳиш таъйин шудааст.

Муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқи онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад: Диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи "Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷикӣ (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)" кори таҳқиқотии баанҷомрасида буда, он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.04- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ метавон пешниҳод кард.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи "Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷикӣ (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.04- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.04- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

| | |
|---|---|
| Одинаев Нурмаҳмад Сафарович | доктори илми филология, дотсенти кафедраи илмҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон |
| Додихудоев Раҷабалӣ Муҳаммадиевич | номзади илми филология, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии |

давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи эксперт:
доктори илми филология,
профессор, узви Шурои
диссертатсионӣ — Худойдодов А.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология,
профессор, узви Шурои
диссертатсионӣ — Рустамова Г.

доктори илми филология,
профессор, мудири кафедраи
адабиёти ҷаҳони ДСРТ — Раҳмонов Б.

Имзои Б. Раҳмоновро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ
Суроғаи: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30, — Раҳимов А.А.

Имзоҳои А.Худойдодов ва Г. Рустамоваро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121

«____» сентябри соли 2023